**ТАҚРИЗИ**

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Мираксода Фаридун Юсуфӣ дар мавзӯи «Туризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таърих ва дурнамои рушд (солҳои 1991-2016)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.02. – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик). – Душанбе, 2020.**

Соҳаи сайёҳӣ имрӯз дар ҷаҳон яке аз воситаҳои муҳим ва асосии даромад ва рушди иқтисодиёти ҳар як кишвар ба ҳисоб рафта, дар ин радиф Тоҷикистон низ ҷиҳати табдил ёфтан ба яке аз марказҳои бонуфузи сайёҳии ҷаҳон дорои имкониятҳои васеъ мебошад.

Таҳқиқи таърих ва дурнамои рушди туризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сифати мавзӯи рисолаи номзадӣ икдоми муҳим дар самти омӯзиши ҳамаҷонибаи таърихи навини ватанӣ ба шумор меравад.

Диссертатсияи Мираксода Фаридун Юсуфӣ маҳз ба ҳамин мавзӯъ бахшида шуда, аз муқаддима, се боб, 8 зербоб, хулоса, тавсияҳои амалӣ ва рӯйхати адабиёт иборат аст.

Ба муаллифи диссертатсия муяссар гаридидааст, ки мубрамият ва арзиши илмии мавзӯи таҳқиқотро ба таври боварибахш асоснок намуда, дараҷаи омӯзиши мавзӯъро нишон диҳад, мақсади баррасии онро бо далелҳои эътимоднок муайян ва мушаххас намояд, заминаи сарчашмавии пажуҳишро бо асосҳои методологӣ ва назариявии рисола алоқаманд гардонад.

Боби якуми диссертатсия **«Заминаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии рушди туризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** унвон дошта, доир ба мероси таърихӣ-фарҳангии халқи тоҷик, сиёсати давлатии Тоҷикистон дар соҳаи туризм, ниёзҳои иқтисодии Тоҷикистон ва сармоягузорӣ ба ин самт маълумот дода шуда, он аз се зербоб иборат аст.

Зербоби якум **«Мероси таърихӣ ва фарҳангии халқи тоҷик ҳамчун ҷозибаи сайёҳии Тоҷикистон»** унвон дошта, зимни баррасии он муаллиф ба масъалаҳои ҷойгоҳи мероси таърихӣ-фарҳангӣ дар рушди сайёҳӣ

таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуда, минтақаҳои ҷолиби сайёҳии кишварро аз ҷиҳати илмӣ ҳамчун ҷозибаҳои сунъӣ, ки маҳсули таъриху фарҳанг, ҳунару тахаёлоти инсон мебошанд, дар намудҳои гуногун хеле хуб тавсифу тасниф намудааст.

Дар ин зербоб бо назардошти ғановати анвои ҳунарҳои мардумии халқи тоҷик, ки яке аз қисми ҷудонашаванди мероси таърихӣ-фарҳангӣ маҳсуб меёбад, диссертант «Консепсияи рушди ҳавзаҳои ҳунарӣ» - ро таҳия ва татбиқи нишондоди онро омили муҳими пешрафти соҳаи сайёҳӣ арзёбӣ намуда, ҷиҳати рушди минбаъдаи туризм дар мамлакат пешниҳоду тавсияҳои арзишманд манзур намудааст.

Дар зербоби дуюми боби якум, ки **«Сиёсати давлатии Тоҷикистон дар самти туризм: фароҳам овардани шароити сиёсӣ ва базаи ҳуқуқӣ»** унвон дорад, муаллиф оид ба робитаи сиёсат ва туризм, таърихи ташаккулёбӣ ва рушди сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи туризм, андешаҳои ҷудогонаи муҳаққиқони ватанӣ доир ба даврабандии ташаккул ва рушди туризм дар Тоҷикистон маълумоти муфассал додааст. Диссертант дар заминаи таҳлили адабиёти мавҷуда бо назардошти хусусиятҳои хоси тараққиёти Тоҷикистони соҳибистиқлол таърихи ташаккулёбӣ ва рушди низоми ҳуқуқии сайёҳиро дар солҳои 1991-2016 ба се марҳила, аз ҷумла марҳилаи якум сентябри соли 1991- июни соли 1997, марҳилаи дуюм аз 27 июни соли 1997 то 27-уми ноябри соли 2007 ва марҳилаи сеюмро аз санаи 27.11.2007 то охири соли 2016 ҷудо намудааст.

Зербоби сеюми боби якум - **«Ниёзҳои иқтисодии Тоҷикистон ва сармоягузорӣ ба соҳаи туризм»**, ном дошта, фарогири таҳлили воқеии мавқеи имрӯзаи соҳаи сайёҳӣ дар миқёси байналмилалӣ ва дохили кишвар мебошад. Ба андешаи муаллиф «Омӯзиш ва аз нигоҳи илмӣ дар сатҳи зарурӣ асоснок намудани ҷанбаи иқтисодии фаъолияти сайёҳӣ дар Тоҷикистон имкон фароҳам меорад, ки бо истифода аз дастовардҳои илмии иқтисодӣ имконияту иқтидорҳои сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон

ба таври дақиқ арзёбӣ гардида, роҳу усулҳои истифодаи оқилона ва самарабахши онҳо барои рушди иқтисодиёти миллӣ, дастоварду норасогиҳо дар ин самт ошкор ва роҳҳои ҳалли мушкилоти оянда муайян карда шаванд».

Боби дуюми рисола **«Динамикаи рушди туризм дар Тоҷикистон дар солҳои 1991-2006»** унвон дошта, аз ду зербоб иборат аст.

Дар зербоби якум **«Таърихи бунёди ниҳоди дахлдор дар соҳаи туризм ва марҳилаҳои асосии фаъолияти он»** муаллиф дар бораи вазъ, вазифаҳо ва мушкилоти асосии муассисаҳое, ки то соли 2006 дар самти корҳои сайёҳӣ ва экскурсионӣ ба фаъолият машғул буданд, маълумот додааст. Муаллиф дар заминаи таҳлили амиқи илмии вазъи муассисаҳои номбурда дуруст қайд менамояд, ки «рушди туризм дар Тоҷикистон то солҳои 1995-1996-уми асри гузашта номуназзам ва камсамар буда, танҳо пас аз ба эътидол омадани вазъи сиёсии кишвар рӯ ба беҳбудӣ ниҳод». Диссертант икдомҳои аввалиндараҷаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҷиҳати ташаккул ва тавсеаи туризм, аз ҷумла, ба имзо расонидани созишномаҳо ҷиҳати ҳамкорӣ оид ба туризм бо кишварҳои хориҷӣ, тасдиқи барномаҳои давлатӣ, қарорҳои Ҳукумати ҶТ «Дар бораи минтақи истироҳат ва туризм эълон кардани ҳудуди ноҳияи Варзоб» (1999), «Дар бораи минтақаи истироҳат ва туризм эълон кардани дараи Ромит» (2000), «Дар бораи минтақаи туризми байналмилалӣ эълон намудани ноҳияи Балҷувон» (2001) ва амсоли инро аз ҷиҳати илмӣ ҳамаҷониба таҳлил намуда, дар асоси нишондиҳандаҳои омории солҳои 1996-2006 ва делелҳои муътаманд дастоварду мушкилот ва дурнамои минбаъдаи соҳаи сайёҳии кишварро муайян намудааст.

Масъалаҳои марбут ба **«Экотуризм дар Тоҷикистон ва дурнамои рушди он»** дар зербоби дуюм инъикос ёфта, зимни баррасии онҳо муаллиф андешаҳои асосноки хешро оид ба хусусиятҳои хоси ин навъи сайёҳӣ ва имконияту дурнамои он дар мамлакат иброз намудааст. Диссертант хеле бамаврид қайд намудааст, ки мавзеъҳои нодири табиӣ,

парваришгоҳҳо, мамнӯъгоҳҳо аз дигар намуди соҳаи сайёҳӣ бо он фарқ мекунанд, ки онҳо «хусусиятҳои асосии экотуризми Тоҷикистон»-ро ифода карда, барои рушди туризми экологӣ заминаи асосӣ ба шумор мераванд. Аз ин рӯ, ба андешаи муаллиф баҳри рушди устувори ҳамин гуна мавзеҳои сайёҳӣ ва ҳифзи объектҳои фарҳангии марзу ҳудудҳои махсус ҳифзшавандаи табиӣ муносибати эҳтиёткорона ва масъулияти иҷтимоӣ зарур аст.

Боби сеюми диссертатсия ба масъалаҳои **«Туризм дар Тоҷикистон дар солҳои 2007-2016 ва дурнамои рушди он»** бахшида шуда, аз се зербоб иборат мебошад. Зимни баррасии зербоби аввали боби мазкур **«Туризми дохилӣ ва роҳҳои тавсеаи он: мушкилот ва дурнамо»** оид ба хусусиятҳои таърихиву фарҳангӣ ва иқтидори воқеии мавзеҳои туристии кишвар маълумоти муфассал дода шуда, имкониятҳои ҳанӯз истифоданашуда барои ҷалби сайёҳони хориҷӣ ва дар маҷмӯъ барои рушди соҳаи сайёҳии Тоҷикистон таъкид гардидаанд.

Ба андешаи диссертант дар ҳудуди Тоҷикистон шумораи ниҳоят зиёди осори таърихиву фарҳангӣ мавҷуд буда, дар мавриди маблағгузории ҳадафманду барномарезишудаи давлатӣ, ҳифзу барқарорсозӣ, бунёди инфрасохтори замонавӣ ва тарғибу таблиғи ин осори арзишманд ҷолибияти онҳо барои ҷалби сайёҳони дохиливу хориҷӣ бештар гардида, ба ин васила манфиати иқтисодии онҳо барои рушди устувори кишвар беш аз пеш афзоиш меёбад.

Зербоби дуюми боби сеюм ба яке аз масъалаҳои муҳими туризми кишвар **«Рушду тавсеаи туризми табобатӣ дар Тоҷикистон»** бахшида шуда, дар заминаи таҳлилҳои амиқи муаллиф истифодаи ҳадафманду самараноки туризми табобатӣ барои рушди иқтисодиёту иҷтимоиёти кишвар асоснок карда шудааст. Дар таҳқиқот захираҳои бузурги обҳои маъданиву шифобахш, таркиб ва муҳити ҷуғрофии ҷойгиршавии онҳо ҳамчун неруи муқтадири сайёҳи арзёбӣ гардида, зарурати бунёди инфрасохтори замонавии туристӣ дар ин мавзеъҳо, тарғибу ташвиқи

васеи онҳо тавассути сомонаҳои интернетӣ ва ВАО таъкид карда шудааст.

Муаллиф бамаврид қайд менамояд, ки «тайи ду даҳсолаи гузашта Тоҷикистон ҳамчун ташаббускори ҷаҳонии ҳалли масоили глобалӣ дар соҳаи об эътироф гардида, аз ин рӯ, ҳуқуқи маънавӣ дорад, ки бо истифода аз захираҳои бузурги обҳои ошомиданӣ, аз ҷумла маъданӣ дар истеҳсоли навъҳои обҳои шифобахши маъданӣ соҳиббрэнд бошад», ки ин дар навбати худ боиси афзудани шумораи ҷозибаҳои туристии Тоҷикистон мегардад.

Зербоби сеюми боби мазкур **«Шаклгирӣ ва рушди туризми байналмилалӣ дар Тоҷикистон»** бо қисмҳои дигари диссертатасия робитаи мустаҳками мантиқӣ дошта, масъалаҳои ба он вобаста дар асоси тадбирҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳлили фаъолияти мақомоти марбутаи давлатӣ дар соҳаи туризм, робитаи онҳо бо созмонҳои бонуфузии байналмилалии сайёҳӣ баррасӣ гардидаанд.

Яке аз дастовардҳои муаллифи рисола ин таҳияи таснифи муаллифии минтақаҳои ҷолиби туристии Тоҷикистон, «Консепсияи рушди ҳавзаҳои ҳунарӣ» бо нишондоди мансубияти этно-ҳудудӣ онҳо мебошад, ки истифодаи онҳо барои муайян намудани самтҳои афзалиятноки рушди туризм дар минтақаҳои алоҳида, тарҳрезии хатсайрҳои сайёҳӣ ва тарғибу ташвиқи имкониятҳои туристии кишвар муҳим мебошад.

Як нуктаи муҳими дигари диссертатсия аз он иборат аст, ки муаллиф андешаҳои хешро оид ба тамоми масъалаҳои мавриди таҳқиқ дар асоси нишондоди асноди расмии соҳаи туризм, барномаҳои давлатии рушди соҳа, маълумоту нишондиҳандаҳои оморӣ оид ба соҳаи сайёҳӣ асоснок намудааст.

Дар хулосаи диссертатсия муаллиф бо натиҷагирӣ аз таҳқиқоти анҷомдода, оид ба рушди минбаъдаи соҳаи туризм дар мамлакат ва

заруририяти омӯзиши оянда мавзӯъ пешниҳоду тавсияҳои арзишманд манзур намудааст.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионии мазкурро ҳангоми таҳияи асарҳои ҷамъбастӣ доир ба таърихи навини ватан, таърихи сайёҳӣ истифода бурдан мумкин аст.

Нуктаҳои муҳими рисола дар мақолаҳои унвончӯ инъикос ёфтаанд.

Автореферат низ ба мазмуни матни диссертатсия мувофиқ аст.

Дар баробари ин ҳамчун муқарризи расмӣ якчанд эродҳои худро нисбат ба диссертатсия иброз менамоям:

1. Зербоби дуюми боби дуюм – «Экотуризм дар Тоҷикистон ва дурнамои рушди он» ба таври кофӣ баррасӣ нагардидааст.

2. Дар зербоби якуми боби сеюм – «Туризми дохилӣ ва роҳҳои тавсеаи он: мушкилот ва дурнамо» маълумот дар бораи Осорхонаи миллии Тоҷикистон оварда шудааст, аммо ҳеҷ нишондоде дар хусуси дастоварду мушкилоти муассисаи мазкур дар самти қабули саёҳон дарҷ нагардидааст.

3. Дар баъзе саҳифаҳои диссертатсяи такрори матолиб ба мушоҳида мерасад, масалан дар саҳифаҳои 79, 136, 138, 145.

4. Дар баъзе саҳифаҳои диссертатсия хатоҳои техникӣ ва имлоӣ ба назар мерасанд.

Аммо ин камбудиҳо арзиши воқеии рисоларо коҳиш дода наметавонанд. Рисола тибқи натиҷаҳои бадастомада, истифодаи амалӣ ва сифати вироиш ба талаботи муқаррарнамудаи бандҳои 10, 11, 12, 14, 16 – и КОА оиди «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.11.2016 №505 тасдиқ гардидааст, мувофиқ буда, муаллифи он Миракзода Фаридун Юсуфӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади

илмҳои таърих аз руйи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) арзанда мебошад.

Муқарризи расмӣ,
номзади илмҳои таърих,
сардори шуъбаи таърихи нав
ва навтарини Муассисаи давлатии
«Осорхонаи миллии Тоҷикистон» Фирдавси Абдулҳамид
22.09.2020

*Имзои Фирдавси Абдулҳамидро тасдиқ менамоям:*
Мудири бахши кадрҳо ва коргузории
Муассисаи давлатии
«Осорхонаи миллии Тоҷикистон» Амирхонова Б.

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ

Суроға: 734001, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Исмоили Сомонӣ, 11.
Осорхонаи миллии Тоҷикистон
Телефон (+992) 918544498, 2278411.
E-mail: Firdavs90_tj@mail.ru